**Саволҳои имтиҳонӣ аз фанни акушерӣ барои донишҷуёни бахши 6**

1. Фавтияти модарӣ: мафҳум, сабабҳо.
2. Ёрии акушерии статсионарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд сатҳро дар бар мегирад ва кадом намуди ёрӣ дар ин сатҳҳо расонида мешавад?
3. Солимии репродуктивӣ чист ва кадом ҳолатҳо онро халалдор менамоянд.
4. Гравидограмма чист? Он чӣ гуна чен карда мешавад ва аз кадом мӯҳлати ҳомилагӣ баҳо дода мешавад.
5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зани ҳомила чанд маротиба ба маркази солими ташриф меорад ва дар кадом мӯҳлатҳои ҳомиладорӣ.
6. Давраи ҳайзӣ чист, чӣ қадар давом мекунад. Зинаҳои идораи давраи ҳайзӣ кадомҳоянд?
7. Давраҳои тухмдони ва бачадонии ҳайз чӣ ном доранд ва кадом просесҳоро дар бар мегиранд?
8. Фарқияти пешомади сарӣ аз пешомади косӣ ҳангоми муоинаи беруна дар чист.
9. Мавқеъ ва намуди мавқеъи тифл чист ва онҳо чӣ гуна муайян карда мешаванд.
10. Ҳолати каҷи тифл аз кӯндаланг чӣ фарқ дорад. Намуди мавқеъи тифл ҳангоми кӯндаланг ҷойгиршавии тифл аз чӣ вобастаги дорад.
11. Қувваҳои валодат чист ва чӣ хусусиятхоро доранд.
12. Конюгатаи диогоналӣ чист ва бо кадом усул муайян карда мешавад.
13. Конюгатаи ҳақиқӣ чист, андозаи он ва аҳамияти он дар равиши валодат.
14. Биомеханизми валодат чист ва кадом намудҳои он вуҷуд доранд.
15. Валодати физиологӣ мувофиқи мафҳуми Ташкилоти Умумиҷахонии тандурустӣ чист ва аз чанд давра иборат аст?
16. Баҳодиҳии навзод аз рӯи ҷадвали Апгар кай гузаронида мешавад ва кадом нишондодҳоро дар бар мегирад.
17. Дастгирии психоэмотсионалиро чӣ ташкил медиҳад ва аз тарафи ки гузаронида мешавад. Бартарии валодати шарики дар чист.
18. Партограмма чист, кадом қисмҳоро дар бар мегирад ва кай пур карда мешавад?
19. Фазаи латенти чист, чӣ қадар давом мекунад ва дар партограмма чӣ гуна қайд карда мешавад.
20. Хати назорат ва фаъолият чист, ва онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд.
21. Ҳолати зани таваллудкунанда дар партограмма аз рӯи кадом нишондодҳо назорат карда мешавад.
22. Давраи баъдивалодатӣ аз кадом давраҳо иборат аст, чӣ қадар давом дорад ва зан баъди валодат чӣ гуна номида мешавад.
23. Дар давраи баъдивалодатӣ назорат аз рӯи кадом нишондодҳо бурда мешавад ва барои чӣ.
24. Дар давраи баъдивалодатӣ бо занҳои таваллудкарда оиди кадом масъалаҳо машварат гузаронида мешавад.
25. Даҳ принсипи синамаконии бомуваффақ чиро бар бар мегирад.
26. Мафҳуми пешомади коси тифл, сабабҳо ва намудҳои пешомади косӣ.
27. Аворизҳоро дар равиши ҳомиладори ва валодат ҳангоми пешомади косӣ барои модар ва тифли навзодро номбар кунед.
28. Дар равиши валодат бо пешомади кос кадом усулҳо истифода бурда мешавад, ва мақсад аз истифодаи онҳо чист.
29. Ҳомилагии бисёртифла чист, сабаби ба вуҷуд омадан ва намудҳои он.
30. Нишонаҳои клиникии ҳомилагии бисёртифла. Аворизҳои акушерӣ ҳангоми ҳомилагии бисёртифла.
31. Тактикаи бурдани валодат ҳангоми ҳомилагии бисёртифла, аворизҳо дар равиши валодат ва давраи баъдивалодати.
32. Сабабҳои сустии фаъолияти валодат ва намудҳои он.
33. Усулҳои ташхис ва тактикаи бурдани валодат ҳангоми фазаи латенти ва фаъоли тӯкашида.

34. Усулҳои пурзуркунии валодат.
35. Мафҳуми коси танг. Сабабҳои ба вуҷуд омадани коси танг.
36. Намудҳо ва дараҷаи тангии кос.
37. Аломатҳои валодати обструктивӣ. Тактикаи валодат ҳангоми ҷой доштани онҳо.
38. Аломатҳои номувофиқӣ дар вақти валодат кадоманд. Кадом чорабиниҳо ҳангоми пайдошавии ин аломатҳо дар вақти валодат хатари даридани бачадонро зиёд мекунанд?
39. Сабабҳои ба вуҷуд омадани пешомадҳои ростшаванда ва намудҳои он.
40. Ҷойгиршавии асинклитикии сарак чист? Намудхои он.
41. Дистресси тифл чист?
42. Аворизҳои акушерие, ки сабаби боздошти инкишофи тифл мешаванд кадомҳоянд.
43. Эхёи аввалини навзодро ки бояд гузаронад ва аз чи сар мешавад.
44. Ҳангоми пиелонефрити гестатсионӣ кадом аворизҳо дида мешавад?
45. Аломатхои хоси камхунӣ кадомхоянд. Дарачахои камхуниро номбар кунед.
46. Бактериурияи беаломат чист. Аворизҳои ҳомиладорӣ ҳангоми бактериурияи беаломат кадомхоянд?
47. Диабети гестатсионӣ чист. Ба гурӯҳи хавфи инкишофи диабети гестатсионӣ киҳо дохил мешаванд.
48. Ҳомиладорӣ ба равиши бемории туберкулез чи гуна таъсир мекунад. Кадом усули ташхиси туберкулезро ҳангоми ҳомиладорӣ истифода мебаранд.
49. Усули асосии ташхиси бемории гемолитикии тифл. Мӯҳлати оптималии валодаткунонӣ ҳангоми бемории гемолитикӣ кадом аст.
50. Нишондод барои хунгузаронии ивазкунанда барои тифл.
51. Намудҳои клиникии қайкунии ҳомиладорон кадомхоянд?
52. Ба намудҳои кам вохӯрандаи токсикози бармаҳал чихо дохил мешаванд?
53. Кадом намудҳои токсикози бармаҳал барои қатъ намудани ҳомилаги нишондод карда шудаааанд.
54. Натичаи бактериурияи беаломати табобатношуда барои модар ва тифл кадомхоянд?
55. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кадом сироятҳо ҳангоми ҳомиладори скрининг гузаронида мешавад ва кай?
56. Пешгирии сирояти вертикалии ВНМО аз модар ба тифл чиро дар бар мегирад.
57. Аломатхои эндометрити баъдивалодатиро номбар кунед.
58. Септицемия дар акушери. Мавхум, зуҳурот, оризаҳо.
59. Септикопиемия дар акушери. Мавҳум, зуҳурот, оризаҳо.
60. Параметрити баъдивалодати чист? Тактикаи табобат
61. Кадом сирояти бо алоқаи ҷинсӣ гузаранда офталмобленнореяро ба вуҷуд меорад, усули табобати он дар чист.
62. Валодати пеш аз мухлат чист?
63. Марҳилаҳои клиникии исқоти хамли мустақилонаро номбар намоед.
64. Сабабхои хунравии нимаи якуми хомилаги дар чист?
65. Зудбаҳодиҳӣ чист. Ба зудбаҳодиҳӣ ҳангоми хунравӣ кадом нишондодҳо дохил мешаванд.
66. Ҳомилагии ғайрибатни: мавҳум, сабаб, ташхис.
67. Ҳомилагии ғайрибатни, клиника, тактикаи табобат.
68. Сабабҳои хунравии нимаи дуюми ҳомилагӣ чист?
69. Хангоми муоинаи берунаи акушери барои пешомади машима кадом аломатҳо хос аст?
70. Омилхои пеш аз мӯхлат чудошавии машимаро номбар кунед.
71. Тактикаи духтур ҳангоми хунравиҳои акушерӣ.
72. Фарқияти хунрави ҳангоми пешомади машима ва ҷудошавии машима дар чист.
73. Омилхои хавфи хунравии гипотоникиро номбар кунед.
74. Сабабхои асосии хунрави дар давраи валодат ва давраи бармахали валодатро номбар кунед.

75. Аломатхои бармахали садамаи геморрагӣ кадомхоянд?
76. Ёрии таъчили хангоми хунравии акушерӣ аз чихо иборат аст?
77. Мархилахои садамаи геморрагиро номбар кунед.
78. Хунталафоти эътидоли чист ва чӣ тавр муайян карда мешавад. Аломати ДВС
79. Ба нишонаҳои самаранокии табобати садамаи геморрагӣ кадом нишондодҳо дохил мешаванд.
80. Усулҳои муваққатии қатъ намудани хунравиро номбар кунед.
81. Ташхиси зуди вайроншавии лахтшавии хун бо кадом усул ва чи тавр муайян карда мешавад
82. Мафхуми дурусти преэкламсияро дихед. Барои преэклампсияи вазнин кадом аломатҳо хос мебошад
83. Ба аломатхои асосии вайроншавихои гипертензиони чихо дохил мешаванд?
84. Эклампсия чист. Марҳилаҳои эклампсияро номбар кунед. Аббревиатураи HELLP-синдром чи маъно дорад ва кай ба вуҷуд меояд.
85. Ба аворизхои преэклампсияи вазнин аз тарафи модар чихо дохил мешаванд?
86. Вояи боркунада ва нигохдорандаи сульфати магнийро хангоми воридкунии дохилимушаки ва дохиливариди нависед.
87. Ёрии фаврии акушерӣ дар мавриди ихтилочи эклампсия аз чӣ иборат аст?
88. Мақсади табобати магнезиали дар чист. Ҳангоми табобат аз рӯи кадом нишондодҳо назорат бурда мешавад.
89. Табобати гипотензивӣ бо кадом маводҳо ва бо кадом мақсад гузаронида мешавад.
90. Назорати амбулаторӣ ҳангоми гипертензияи мӯътадил дар кадом шароит мумкин аст.
91. Тактикаи валодаткунони ҳангоми вайроншавиҳои гипертензиви аз чи вобаста мебошад.
92. Нишондод ва шароитхои барои гузаронидани вакуум-экстраксияи тифл кадомхоянд?
93. Амалиёти экстраксияи тифл аз қисми кос чист ва кай гузаронида мешавад
94. Индекси Перл чист, чи гуна ҳисоб карда мешавад?
95. Усулхои контрасепсияи баъдивалодатиро номбар кунед. Аменореяи лактатсионӣ чист?
96. Механизми таъсири ҳабхои гормонали ва аворизҳои онро номбар кунед.
97. Машварат оиди усулҳои контрасептиви чанд марҳила дорад ва дар кадом шароит гузаронида мешавад
98. Нишондод ва зиддинишондод барои истифодаи воситаҳои дохилираҳмӣ.
99. Механизми таъсири воситаҳои дохилирахми ва аворизҳои эҳтимолӣ
100. Зиддинишондод барои истифодаи контрасепсияи гормоналӣ.

**Гинекология**

1. Хусусиятҳои таъмини хуни бачадон
2. Хусусиятҳои давраи ҳайзии мӯътадил
3. Гипоталамус кадом гормонҳоро хориҷ менамояд
4. Эстрогенҳо дар куҷо истеҳсол мешаванд
5. ГБФ (ФСГ): мавҳум, ҷойи истеҳсолшави, фаъолияти он
6. Андрогенҳо чист ва дар куҷо ташкил мешаванд
7. Дар давраи авзоиши ҷинсӣ дар организм чи гуна дигаргуниҳо ба вуҷуд меояд
8. Кадом гормонҳо дар гипофиз ҳосил мешаванд, нақши онҳо
9. Гестагенҳо, ҷойи истеҳсоли онҳо, таъсири онҳо ба организм
10. Десквамацияи қабати функсионалӣ чист, сабабҳои ба вуҷуд омадани он
11. Биосинтези кадом гормонҳо дар тухмдонҳо ба амал меояд

12. Тестҳо ташхиси функсионалӣ: мавҳум, чиро муайян мекунанд
13. Индекси кариопикнотикӣ чист
14. Тести ҳарорати базалӣ бо чи асоснок карда шудааст
15. Хати каҷи монотонии ҳарорати базалӣ оиди кадом давраи ҳайзӣ шаҳодат медиҳад
16. Аломати «гавҳарак»-и мусбӣ дар давоми тамоми давраи ҳайзӣ аз чи шаҳодат медиҳад
17. Давраи ҳайзӣ: мавҳум, давомнокии давраи ҳайзии мӯътадил
18. Давраи ҳайзӣ: мавҳум, давомнокии ҳайзӣ мӯътадил, хунталафоти эътидоли дар вақти ҳайзӣ мӯътадил
19. Нишондоди асосии давраи ҳайзӣ дуфазагӣ чи мебошад
20. Кадом аз тестҳои функсионалии ташхисӣ оиди дуфазагии давраи ҳайзӣ шаҳодат медиҳад?
21. Дараҷаи гирсутизм аз руи кадом ҷадвал баҳо дода мешавад
22. Аломатҳои клиникии синдроми тухмдонҳои поликистозӣ
23. Усулҳои табобати ҷарроҳӣ ҳангоми синдроми тухмдонҳои поликистозӣ
24. Таснифи клиникию-анатомикии лейомиома, ки дар асоси ҷойгиршавӣ ва хусусияти авзоиши гиреҳи миоматозӣ нисбати қабати мушакии бачадон
25. Таснифоти лейомиома аз руи ҷойгиршавии гиреҳ (нисбати хати тӯлии бачадон)
26. Таснифоти лейомиома вобаста ба миқдор ва андозаи гиреҳҳо
27. Омилҳои хатари миомаи бачадон
28. Хусусиятҳои хунравиҳои бачадонӣ дар мавриди миомаи бачадон
29. Аломатҳои клиникӣ аз ҷониби узвҳои ҳамсоя дар мавриди миомаи бачадон
30. Хусусиятҳои ВДР, механизми таъсирот, давомнокии истифодаи он
31. Авзалиятҳои системаи дохилираҳмии левоноргестрелдошта (ЛНС ВМС)
32. Нишондодҳо барои табобати ҷарроҳӣ дар мавриди лейомиома
33. Усулҳои ҳатмии муоина дар мавриди лейомиома
34. Намудҳои ҷарроҳиҳои узвнигаҳдоранда дар мавриди лейомиома
35. Нигоҳи этиопатогенетикӣ дар ташхиси бемориҳои илтиҳобии узвҳои ҷинсӣ дар чист
36. Аломатҳои клиникии шадидшавии салпингоофорити музмин
37. Табобати беморон бо кистаи ғадуди бартолинӣ
38. Хусусиятҳои хоси равиши клиникии пелвиоперитонити этиологияи гонореявӣ
39. Дар мавриди мавҷуд будани кадом аломатҳо оиди бемории илтиҳобии этиологияи гонореявӣ шубҳа намудан мумкин аст (бо ҳиссаи калони эҳтимолӣ)
40. Чи гуна ва кай нишондодҳои табобатшавии беморон бо гонорея баъд аз гузаронидани табобат муайян карда мешавад
41. Нишондодҳои самаранокии табобати антибактериалӣ дар беморон бо шадидшавии салпингоофорити музмин
42. Тактикаи табобати беморон бо ҳосилаи барқароршудаи илтиҳобии фасодноки изофагиҳои бачадон (дар давраи ремиссия)
43. Аломатҳои клиникии вулвити шадиди этиологияи ғайримахсус
44. Нишонаҳои клиникии абсаи ҳақиқии ғадуди бартолинӣ
45. Кадом узвҳо дар мавриди трихомонози урогениталӣ осеб меёбанд
46. Гонорея: таснифот, усулҳои ташхис
47. Хусусиятҳои гирифтани молишак ба гонококк

48. Аворизҳои эҳтимолии илтиҳоби шадиди изофагиҳои бачадон
49. Аломатҳои хоси клиникии перитонит
50. Нишондодҳо барои табобати ҷарроҳии беморон бо бемориҳои илтиҳобии узвҳои ҷинсӣ
51. Шикоятҳое, ки барои бемориҳои илтиҳобии узвҳои ҷинсӣ хос мебошанд
52. Дар мавриди сироят бо кадом микроорганизмҳо, ки колпитро ба вуҷуд меорад, зарурияти табобати ҳар ду шарикро дорад?
53. Кадом усулҳои муоина ташхиси илтиҳоби изофаҳоро пурра тасдиқ менамояд?
54. Ҳангоми бемориҳои илтиҳобии узвҳои коси хурд кадом авориҳзо дида мешавад
55. Авориҳзо ҳангоми ворид намудани ВДР
56. Табобати эндометрити шадид чиро дар бар мегирад
57. Параметрит: мавҳум, сабабҳо
58. Аломатҳои клиникии садмаи септикӣ, ёрии фаврӣ
59. Аломати асосии клиникии сили изофаҳои бачадон, усулҳои ташхис
60. Гонорея: усулҳои ташхис, гонорея болораванда чист
61. Дар асоси чи ташхиси гонорея гузошта мешавад
62. Аломатҳои табобатёбии гонореяро номбар намоед
63. Пелвиоперитонит: мавҳум, сабабҳо
64. Аломатҳои клиникии сили гениталӣ, дар кадом вақт сили гениталӣ фаъол мегардад?
65. Ногузариши найҳои бачадон: сабабҳо, усулҳои ташхис
66. Эпителияи ҳамвори бисёрқабата аз кадом қабатҳо иборат аст ва бо кадом навбат ҷойгиранд
67. Колпоскопияи васеъ чист ва кадом маводҳо дар он истифода карда мешаванд
68. Дар мавриди колпоскопияи оддӣ чиро баҳо медиҳанд
69. Нишондодҳо барои биопсияи гарданаки бачадон
70. Захми ҳақиқии гарданаки бачадон: мавҳум, усулҳои ташхис
71. Эктопияи гарданаки бачадон чист, усулҳои ташхис
72. Полипи гарданаки бачадон: мавҳум, усулҳои ташхис
73. Бемориҳои пеш аз саратонии гарданаки бачадонро номбар намоед
74. Дисплазияи гарданаки бачадон: мавҳум, усулҳои ташхис, дараҷаҳо
75. Шароитҳо барои гирифтани таҳлили колпоситологӣ
76. Дар мавриди кадом бемориҳо хунравиҳои контактӣ дида мешаванд
77. Усулҳои ташхисии иловаги дар мавриди «Шиками шадид»
78. Аломатҳои клиникие, ки барои апоплексияи тухмдон хос мебошанд
79. Усулҳои ташхиси ҳомилагии эктопикӣ
80. Намудҳои клиникии ҳомилагии найчавӣ
81. Сабабҳои ба вуҷуд омадани ҳомилагии ғайрибачадонӣ
82. Клиникаи ҳомилагии найчавии қатъшуда ба намуди исқоти ҳамлӣ найчавӣ
83. Аломатҳои клиникии кафидани найи бачадон, ёрии фаврӣ
84. Сабабҳои хунравии дохили шикам
85. Клиникаи садмаи геморрагикӣ дар мавриди хунравии дохили шикам

86. Намудҳои ҷарроҳӣ ҳангоми ҳомилагии ғайрибатнӣ
87. Нишондодҳо барои табобати ҷарроҳии эндометриоз
88. Эндометриоз: мавҳум, таснифот
89. Никоҳи бенасл: мавҳум, сабабҳо
90. Сабабҳои бенаслии занона, усулҳои муоина
91. Сабабҳои бенаслии найчавӣ, усулҳои ташхис
92. Нишондодҳо барои табобати ҷарроҳии бенаслии найчавӣ
93. Аменорея: таснифот, сабабҳои аменореяи қалбакӣ
94. Ҳангоми кадом бемориҳо аменореяи ҳақиқӣ (патологӣ) дида мешавад
95. Аменорея: таснифот, аменореяи физиологӣ чист
96. Кадом усулҳои иловагии муоина барои аниқ намудани генези аменорея истифода карда мешаванд?
97. Туберкулёзи узвҳои ҷинсӣ. Кадом қисми системаи ҷинсии занона бисёртар гирифтори сил мешаванд?
98. Дар кадом давраи синну соли сили узвҳои ҷинсӣ аксаран ташхис карда мешавад? Усулҳои ташхис.
99. Миомаи бачадон: мавҳум, таснифот, усулҳои ташхис
100. Аломатҳои асосии клиникии миомаи бачадони зери қабати луобӣ
101. Миомаи бачадони зерлуобии тавлидшуда истода: мавҳум, авориҳо
102. Усули нисбатан маълумотноки миомаи бачадони зерлуобии тавлидшуда истода
103. Эндометриоз: мавҳум, сабабҳо, таснифот
104. Ба ҳосилаҳои омосшакли тухмдонҳо чиҳо ворид мешаванд
105. Кистаҳои тухмдонҳо: мавҳум, хусусиятҳои хоси онҳо
106. Кистомаҳои тухмдонҳо: мавҳум, сабабҳо, таснифот
107. Ҳангоми омосҳои хушсифати тухмдонҳо кадом авориҳо дида мешаванд?
108. Нишондодҳои асосӣ барои иҷроиши лапароскопияи ҷарроҳӣ дар таҷрибаи гинекологӣ
109. Усулҳои беҳискунии лапароскопияи ташхисию табобати дар гинекология
110. Нишондодҳо барои истифодаи гистероскопияи ташхисӣ

**Мудири кафедраи акушерӣ ва гинекологии №1,**
**д.и.т., М.А.Хакназарова**

**Асистенти таълимӣ, дотсент С.Г.Қодирова**